# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 28.11.2024, № 80

Барои сазовор донистани Файзова Таҳмина Иззатуллоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 22/шд) 4-уми июли соли 2024, суратҷаласаи №76 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Файзова Таҳмина Иззатуллоевна 15-уми январи соли 1992 дар ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 2015 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Аз соли 2017 то соли 2020 ба ҳайси лаборант ва аз соли 2020 то ин замон ба ҳайси ассистенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгохи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият дорад.

Аз соли 2020 ба ҳайси аспиранти Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва аз 01.12.2023 ба ҳайси муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул аст.

Диссертатсия дар кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ҷӯраева Мушаррафа Рустамовна**.

**Муқарризони расмӣ**: **Султон Ҳасан Баротзода,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Амлоев Аминҷон Ятимович,**

номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносӣ Шерализода Адолат, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Раҳмонов Бахтиёр, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси филология, муаллими калони кафедраи мазкур Валиев Ҷамшед имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Файзова Таҳмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев)» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Файзова, Т.И. Махсусиятҳои корбасти воҳидҳои одоби муҳоварат дар «Палатаи кунҷакӣ»-и Ф. Муҳаммадиев / Т.И. Файзова // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 70-77.
[2-М]. Файзова, Т.И. Семантикаи хушмуомилагӣ ва эҳтиром дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев / Т.И. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С. 87-95.
[3-М]. Ҷӯраева, М.Р., Файзова, Т.И. Хусусиятҳои воҳидҳои одоби муҳоварат дар муросилоти расмӣ / М.Р. Ҷӯраева, Т.И. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №4. – С. 5-12.
[4-М]. Файзова, Т.И. Хушмуомилагии лингвистӣ ва одоби муҳоварат дар асари бадеӣ / Т.И. Файзова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №5. – С.5 2-60.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Файзова, Т.И. Махсусиятҳои корбасти мухотаб дар асарҳои Ф. Муҳаммадиев / Т.И. Файзова // Забон ҳастии миллат. Қ. 1 (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо».– 15 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 258-262.
[6-М]. Файзова, Т.И. Нақши қолабҳои устувори муошират дар асари бадеӣ / Т.И. Файзова // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо» (22 декабри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 289-295.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад** мусбат буда, дар он қайд мешавад, ки «дар автореферат баъзе норасоиҳо, ба монанди ҷо-ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд».

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара **Раҳмоналиев Ҷовидон Худоёрович**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он эроди зерин ба назар мерасад: «Дар саҳифаи 2-юм, қисми бо забони русӣ таълифшуда, дар номҳои муқарризони расмӣ ҳуруфҳои тоҷикии “ҳ” ва “ҷ” ҷойгир карда шудааст».

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна**

низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ дар боби дуюми диссертатсия як-ду фасли дигар илова менамуд, дар ин ҳол дар бобҳо мувозинат дида мешуд, зеро боби якум аз шаш фасл ва сеюм аз ҳашт фасл иборат буда, танҳо боби дуюм бо се фасл хотима ёфтааст.

2. Гарчанде тарҷумаи аксарияти калимаву истилоҳоти истифоданамудаи муҳаққиқ, аз қабили система, принсип ва семантика бо гунаҳои низом, мабдаъ ва маъно дар забони тоҷикӣ ба назар расанд ҳам, аммо муҳаққиқ аз чӣ сабаб бошад, ки аз истифодаи онҳо худдорӣ намудааст.

3. Дар фишурдаи диссертатсия дар саҳифаҳои 10, 15, 17, 22 ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– **асоснок гардидааст**, ки махсусияти забони асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев дар ифодаи воҳидҳои одоби муҳоварат дар сатҳҳои луғавӣ, сарфӣ ва наҳвӣ зоҳир шуда, дар шаклҳои гуногуни хушмуомилагӣ дар ҳудуди як ифода инъикос мегардад;
– **муайян карда шудааст**, ки категорияи хушмуомилагӣ ҳамчун зуҳуроти одоби муҳоварат майдони функсионалӣ-маъноиро ифода менамояд;
– **собит гардидааст**, ки қолабҳои жанрҳои одоби муҳоварат системаи муайяни унсурҳои забониянд, ки на танҳо калимаҳои ҷудогона, ибораҳо, ҷумлаҳо ва ягонагии мураккаби наҳвиро, балки як гурӯҳи унсурҳои муродифотии ғайризабонӣ – имову ишораро низ дар бар мегиранд;
– **муқаррар карда шудааст,** ки низоми воситаҳои ифодаи бадеӣ дар қолабҳои жанрҳои одоби муҳоварат бо мавзуи умумии асарҳои бадеӣ алоқаи зич дорад. Воситаҳои муассири нутқ дар қолабҳои одоби муҳоварат симои персонажеро, ки фикри баёншуда ба ӯ тааллуқ дорад, амиқтар гардонида, услуби фардии муаллифро таъкид менамоянд;
– **муайян карда шудааст**, ки дар низоми луғавии одоби муҳоварат дар давраи муайяни таърихӣ – аз асри XX то ибтидои асри XXI

дигаргуниҳо ба назар расида, дар парадигмаи ҳар як жанри нутқ собит шудаанд;

- **исбот карда шудааст**, ки маънои воситаҳои забонии категорияи хушмуомилагӣ дар забони осори Фазлиддин Муҳаммадиев инъикоскунандаи меъёрҳои забонии одоби муоширати асри XX мебошанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад,** ки кори таҳқиқии мазкур дар рушди минбаъдаи назарияи забоншиносии коммуникативӣ, омӯзиши қолабҳои жанрҳои одоби муҳоварат дар осори бадеӣ саҳм гузошта, имконият медиҳад, ки усули мазкур дар омӯзиши эҷодиёти нависандагон ҳангоми ба система даровардани мавод истифода шавад. Натиҷаҳои кори таҳқиқӣ дар таълими одоби муҳоварати тоҷикӣ, ҳамчунин, дар таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни хориҷӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла А.А. Акишина, Н.И. Формановская, Л.А. Введенская, А. Вежбитская, В.Е. Голдин, В.И. Карасик, Ю.Н. Караулов, Г.Е. Крейдлин, Л.П. Крисин, О.А. Лутсева, И.А. Стернин, Б. Камолиддинов, М.Р. Ҷӯраева, инчунин, диссертатсияҳои Т.В. Абрамова, О.А. Агаркова, Л.Э. Безменова, А.Г. Бердникова ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои забоншиносии тасвирию тавсифӣ, муқоисавӣ ва мантиқӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки натиҷа ва маводи амалии он дар луғатнигорӣ (лексикография) ҳангоми тартиб додани луғатҳои муаллифӣ, луғатҳои семантикӣ ва луғатҳои жанрҳои одоби муҳоварат, муҳоваратҳо; дар мактабҳои олӣ дар курсҳои «Одоби муҳоварат», «Ҳусни баён», «Услубшиносӣ»; дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ташаккул додани малакаҳои одоби муошири хонандагон ба дарки амиқи забони модарии онҳо ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мусоидат карда метавонад. Таълими ҳусни баён дар асоси беҳтарин намунаҳои осори адабӣ на танҳо ба рушди эстетикӣ ва фарҳангӣ, балки ба ташаккули дастурҳои ахлоқӣ мусоидат карда метавонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби

дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ муайян менамоянд. Саҳми бевоситаи муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир мегардад, ки ӯ асосҳои назарию амалии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи таҳқиқшавандаро дар асоси усулҳои муосири забоншиносӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам меорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқотии муосир такя карда, бори нахуст ба таври густурда воҳидҳои одоби муҳоваратро дар заминаи асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев таҳлилу арзёбӣ намуда, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда дастовардҳои чашмрас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 28-уми ноябри соли 2024 дар бораи сазовор донистани Файзова Таҳмина Иззатуллоевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №363/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Мирзоёров Ф.Н.

28.11.2024.